Аллоҳ Таъоло бо ҳар амале, ки дошта бошад, ӯро вориди биҳишт мекунад

Аз Убода (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар кас гувоҳӣ диҳад, ки нест Худои барҳаққе магар Аллоҳи ягонаи бешарик ва ин ки Муҳаммад бандаи Ӯ ва фиристодаи Ӯст. Ва Исо банда ва фиристода ва калимаи Ӯст, ки ӯро ба Марям илқо намуд ва рӯҳе аз ҷониби Ӯ аст (ва низ махлуқ аст). Ва биҳишт ҳақ аст ва дӯзах ҳақ аст, Аллоҳ Таъоло бо ҳар амале, ки дошта бошад, ӯро вориди биҳишт мекунад."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) моро хабар медиҳад, ки ҳар кас калимаи тавҳидро бо донистани маънояш ва амал кардан бо муқтазояш ба забон оварад. Ва ба бандагии Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва паёмбарияш гувоҳӣ диҳад ва ба бандагии Исо (алайҳис-салом) ва паёмбарияш эътироф кунад. Ва ин ки Аллоҳ ӯро бо сухани Худ "كـــــــــــــن" "Пайдо шав" офарид ва ин ки ӯ рӯҳе аз арвоҳ аст, ки Аллоҳ офаридааст. Ва модарашро аз он чизе, ки яҳудиён ба ӯ нисбат дода буданд, пок донист. Ва ба ин ки биҳишт ҳақ аст ва дӯзах ҳақ аст ва ба вуҷуди он ду муътақид шуд ва бовар кард, ки он ду неъмат ва азоби илоҳӣ ҳастанд. Ва бар ин эътиқод ва бовар аз дунё рафт, пас фарҷомаш ба сӯи биҳишт аст, агарчи дар тоати худ кӯтоҳӣ карда ва гуноҳоне дошта бошад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3417